**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии "Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ), шаҳри Душанбе. – 2025. – 180 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ), ки барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилшуда, ки ҳуқуқи кабули диссертатсияҳо дорад, пешниҳод шудааст, ба самти шуро, ихтисос ва самти илмҳои мазкур мувофиқ мебошад. Таҳқиқоти мазкур ба талаботи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм ва ба Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2024, ки таҳти № 10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар замони шуравӣ муҳаққиқони фалсафаи асримиёнагии тоҷик афкори фалсафии Аҳмади Донишро баҳогузорӣ карда, онро ба ҳайси «фалсафаи иҷтимоии маорифпарварӣ» шинохтаанд. Чунин арзёбӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки таълимоти фалсафии Аҳмади Дониш оғози давраи нав дар таърихи фалсафаи миллии халқи тоҷик мебошад, зеро ин мутафаккир аз ҷумлаи он донишмандонест, ки дар даврони ахири асрҳои миёна баъди танаффуси тулонӣ маҳз ба фалсафа рӯ овардаст. Аммо дар ибтидои даврони ибистиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе муаллифон афкори сиёсӣ-иҷтимоии мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Донищро "ислоҳотхоҳии динӣ" номгузорӣ кардаанд, ки чунин баҳогузорӣ ба муҳтавои асарҳои донишманд мувофиқ набуда, дур аз воқеият мебошад. Рафъи чунин афкор мубрамияти мавзуи матраҳшударо нишон медиҳад.

Тавре, ки худи унвонҷӯ дар диссертатсия зикр мекунад, яке аз муътабартарин мутафаккирони асрҳои 19-ибтидоии аввали асри 20, ки талаби татбиқи ислоҳотро аз ҳокими манғитии Бухоро карда, барои расидан ба ин гуна ҳадафҳо асарҳои илмӣ навиштааст ва дар онҳо хатокориҳои дар ҷомеаи Бухоро мавҷудбударо аз дидгоҳи танқидӣ

баррасӣ намудааст, Аҳмади Дониш буд. “Ин ақидаҳои мутафаккир оид ба ислоҳот ва махсусан афкори маорифпарваронаи ӯ на танҳо барои он даврон, балки барои шароити муосир дар ҷомеаи тоҷик низ хеле таҷрибаи мубраму пураҳаммият ба ҳисоб рафта, таҳлили ҳамаҷонибаи таърихӣ-фалсафиро аз нигоҳи илми муосир тақозо мекунанд” (с. 3).

Аз ҷониби дигар, Аҳмади Дониш дар асарҳои худ худ сиёсисозии исломро дар мисоли андешаҳои ислоҳотхоҳони исломӣ чун Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва Шайх Муҳаммад Абду напзируфта, баръакси онҳо ва пайравонашон онҳо ба тафаккури дунявӣ такя намудааст. Аммо ин вижагиҳои аслии ҷаҳонбинии дунявии мутафаккир зимни пажуҳиши осор ва зиндагиномааш аз назари муҳаққиқон дур афтодааст, ки омӯзиши онҳо барои фалсафаи муосири тоҷик хеле мубраму саривактӣ мебошад.

Аҳмади Дониш мутафаккири ақлгаро, ратсионалист ва соҳиби тафаккури дунявӣ буд, аммо ҷадидон дар ҳалли масъалаҳои миллӣ ва давлатӣ бо дастгирии аҷнабиён манфиатҷӯ буданд ва исломро ягона роҳи рафъи ақибмондагӣ арзёбӣ мекарданд. Бо ин сабаб низ, “таҳқиқи муқоисавии масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз дидгоҳи Аҳмади Дониш ва намояндагони ҷадидия ҳамчун мавзуи мубрам ба ин паҳлуҳои масъала низ равшанӣ меандозад” (с. 4).

**Дараҷаи навгониҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертант дар таҳқиқоти худ бори аввал дар фалсафаи тоҷик масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухороро дар таълимоти Аҳмади Дониш ва намояндагони ҷадидия бо истифода аз методи муқоисавӣ мавриди арзёбӣ қарор додааст. Ҳамзамон, бори нахустин дар асоси далелҳои тарҷумаиҳолӣ таъсири сафарҳои мутафаккир ба Русия ҳамчун таҳаввули куллӣ дар ҷаҳонбинии мутафаккир, вале бо вуҷуди ин ба фарҳанги бегона нагаравидани ӯ исбот карда шуда, хусусиятҳои ҳаракати маорифпарварӣ дар аморати Бухоро таҳти таъсири маорифпарварии Ғарб, хусусан Русия, ҳаёти халқҳои Русия - русҳо ва тоторҳо, инчунин ақидаҳои панисломизм ва пантуркизм мушаххас карда шудаанд. Муаллиф омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-динии боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Донишро аз рушду тараққӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихию адабӣ ба таври мушаххас муайян карда, умумият ва фарқиятҳои дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Донишро дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX муайян карда, дар ин раванд ба принсипҳои дунявият, илмҳои табиатшиносӣ ва иҷтимоӣ-фалсафӣ такя кардани ӯро бо мисолҳои мушаххас нишон додааст.

Дар диссертатсия омилҳои ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ дар аморати Бухоро аз нигоҳи Аҳмади Дониш “ба сабаби ноуҳдабароии амирони манғитӣ, муҳити хурофотии дарбор ва аҳолии кишвар, инчунин мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ бо истифода аз маводи нав аз осори мутафаккиру таҳқиқоти муосир мушаххас карда шуда, роҳҳои асосии

ислоҳи онҳо дар таълимоти мутафаккир дар қиёс бо намояндагони дигари ҳаракати маорифпарварӣ” (с. 9) нишон дода шудаанд ва аз унсурҳои панисломизму пантуркизм озод будани ақидаҳои ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш, инчунин такя ба андешаҳои миллии ориёӣ кардани ӯ дар ин раванд исбот гардиааст.

Диссертант дар таҳқиқоти худ таъкид сохтааст, ки маорифпарвароне чун Аҳмади Дониш на танҳо ба танқид машғул буданд, балки барномаи мушаххаси ислоҳотро пешниҳод кардаанд, ки тамоми паҳлуҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаи он давронро фаро мегирифт.

Дар баробари ин, дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки Аҳмади Дониш на танҳо омилҳои қафомондагии аморати Бухороро муайян кардааст, балки роҳҳои бартараф кардани онҳоро низ аз нигоҳи илмӣ мушаххас намудааст, аммо бар хилофи пешгузаштагони худ барои бартараф сохтани норасоиҳо на бунёди ҷомеаи армонӣ, идеалӣ, балки ислоҳотро пешниҳод мекунад.

Ҳамаи ин нуктаҳо, ки қисмате онҳо барои дифоъи диссертатсия ҳамчун муқарраароти асосӣ пешниҳод шудаанд, мубрамият ва аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро бараъло нишон медиҳанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Унвонҷӯй зимни таҳия намудани диссертатсия доираи васеи интишороти муҳаққиқони ватанию хориҷиро мавриди истифода қарор додааст. Истифодаи сарчашмаҳои муътамад ба диссертант имконият додааст, ки хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод намояд. Тавсияҳои амалии диссертант барои таҳқиқоти илмии асарҳои маорифпарварона ва ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш ва ҳамсафони дигари ӯ дар илмҳои ватании таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ, махсусан таҳлилу баррасии ҷанбаҳои ратсионалии таълимоти онҳо, дарёфти унсурҳои тафаккури дунявӣ дар ин осор, воқеъбинона будани таҳлилҳои мутафаккирони мазкур, аз нигоҳи манфиатҳои миллӣ баррасӣ намудани ҳодисаҳо ва амсоли он, инчунин барои истифода дар раванди таълим аҳамияти муҳим доранд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз 180 саҳифаи матни компютерӣ, муқаддима, ду боб, шаш параграф, хулоса ва руйхати адабиёти истифодагардида (143 номгуй) иборат мебошад.

Дар **қисмати муқаддимавии** диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ, дараҷаи омӯзиш, объект, предмет, мақсад, вазифаҳо, асосҳои назариявию амалӣ, методологӣ, пойгоҳ, навгонии таҳқиқот, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудааст.

Дар **боби якум**, ки “Осори Аҳмади Дониш ва вазъи сиёсӣ-иҷтимоии даврони ӯ” унвон дорад, осори Аҳмади Дониш тавсиф дода шуда, методологияҳои омӯзиши он дар замони шуравӣ ва даврони муосир

муайян гардидаанд ва моҳияти ҳаракати маорифпарварӣ дар таърихи башарият ва хусусиятҳои он дар аморати Бухоро нишон дода шуда, нишонаҳои муҳити иртиҷоии давраи ҳукмронии сулолаи Манғития ва омилҳои боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихию адабӣ ба таври мушаххас врзеҳ карда шудаанд.

Боби якум аз се зербоб иборат мебошад. Диссертант дар **зербоби якум** - «Осори Аҳмади Дониш ва методологияҳои омӯзиши он дар замони шуравӣ ва даврони муосир" қайд менамояд, ки далелҳои тарҷумаиҳолии Аҳмади Дониш муътамад буда, ҳаёт ва фаъолияти ӯро воқеъбинона равшан месозанд. Осори мутафаккир тақрибан дар шакли комил то ба мо расида, аксари онҳо, ки фалсафаи иҷтимоии маорифпаваронаи ӯро фаро мегиранд, дар замони муосир ба нашр расида ва қисман таҳқиқ шудаанд. Дар асоси ин маълумот ва таҳлилҳо муаллиф ба хулосае расидааст, ки методологияҳои омӯзиши осори Аҳмади Дониш "гуногун буда, дар замони шуравӣ ва даврони муосир аз ҳамдигар фарқ мекунанд: 1) арзёбии осори мутафаккир аз нигоҳи марксизм, материализми диалектикӣ ва таърихӣ, ки ба даврони шуравӣ ва ибтидои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ хос буд; 2) муносибат ба осори Аҳмади Дониш аз нигоҳи дин ва ислоҳоталабии динӣ, ки дар даврони ибтидоии истиқлоли давлатӣ зуҳур намуда, баъдан хомӯш гардид; 3) арзёбии воқеъбинонаи осори мутафаккир, ки бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва истифода аз методҳои муосири сирф илмӣ сурат гирифта, дар ду даҳсолаи охир дар кишвари мо ба назар мерасад" (С. 26).

Дар **зербоби дуюм** - «Ҳаракати маорифпарварӣ ва хусусиятҳои он дар аморати Бухоро» мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Диссертант иброз доштааст, ки маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна дар фарқият аз маорифпарварӣ дар Русия, на танҳо хусусияти зиддифеодалӣ, балки зиддимустамликавӣ дошта, идеологияи ҳаракати озодихоҳии миллиро низ ифода мекард. Дар баробари ин, агар ҳаракати маорифпарварӣ дар кишварҳои Шарқ дар зери таъсири кишварҳои Аврупои Ғарбӣ сурат гирифта бошад, пас дар аморати Бухоро он, асосан, дар зери таъсири Русия қарор дошт; ба маорифпарварони тоҷик ғояҳо ва тарзи ҳаёти халқҳои Русия, хусусан русҳо ва тоторҳо таъсиргузор буданд; маорифпарварӣ ба муқовимати васеъ бо ҳокимияти иртиҷоии манғитони ҳукмрони аморати Бухоро рӯ ба рӯ буд; ба ҳаракати маорифпарварӣ пайравони панисломизм, пантуркизм ва баъзе ҷадидҳо, ҷавонбухориён, таъсири манфӣ гузоштаанд; маорифпарварӣ тавассути таъсиси мактабҳои типи нав, паҳншавии рӯзномаю китобҳо ва воридшавии техникаву технологияҳои нави низомию ғайринизомӣ аз Русия ба мардум таъсир мерасонид; маорифпарварони тоҷик аксарият аз ҷумлаи нависандагону шоирон ва мударрисони пешқадам буданд ва ғайра (с. 51-52).

**Дар зербоби сеюм** “Муҳити иртиҷоии давраи ҳукмронии сулолаи Манғития ва омилҳои боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ” қайд шудааст, ки асри XIX барои аморати Бухоро давраи сукут ва куҳнагароӣ, консерватизм буд, ки асосан аз сиёсати сулолаи Манғитҳо бармеоянд. Ҳукмронии ин сулола, ки дар тамоми давраҳои мавҷудияти худ бо тақвияти тартиботи феодалӣ ва саркӯб кардани ҳама гуна зуҳуроти навсозӣ алоқаманд буд. Муҳити реаксионии дар давраи Манғитҳо ташаккулёфта бо руҳониён ва ашрофон (аристократия), низ зич иртибот дорад. Имом-хатибҳо, ки аз эътибори худ дар байни аҳолӣ суистифода мекарданд, сиёсати сарварони аморати Бухороро фаъолона дастгирӣ ва арзишҳои анъанавиро таблиғ карда, ҳама гуна навовариҳоро дар идоракунии ҷомеа ё соҳаи дин маҳкум менамуданд. Онҳо ҳама навсозиро ҳамчун таҳдид ба мақоми имтиёзноки худ ва суботи тартиботи муқарраршудаи ҷамъиятӣ медонистанд. Дар баробари ин, қафомондагии иқтисодии Бухоро низ ба таҳкими муҳити иртиҷоӣ, реаксионӣ мусоидат мекард. Дар маҷмуъ, аз нигоҳи унвонҷӯ “омили асосии боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ ин золимию хунхорӣ ва ноуҳдабароии амирони он буда, омилҳои дигари сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ-динӣ ва амсоли он низ ба қафомонадагии аморат мусоидат карданд” (С. 69).

Дар **боби дуюми** диссертатсия “Афкори маорифпарваронаи Аҳмади Дониш оид ба масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар муқоиса бо ҷадидия” таълимоти маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX, масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар афкори Аҳмади Дониш ва бартарии ақидаҳои Аҳмади Дониш аз таълимоти ҷадидия оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ таҳлилу арзёбӣ шудаанд.

Боби дуюм аз се зербоб иборат аст. **Дар зербоби якум** – “Дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX” оид ба он сухан меравад, ки таълимоти маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш паҳлуҳои хеле зиёд дошта, дар муқоиса бо дигар маорифпарварони давронаш шакли васеъ ва ҷомеътар дорад. Ӯ дар осораш масъалаҳои сирф фалсафиро ба миён мегузорад, ки дар доираи равшанфикрони Осиёи Миёна дар он замон ба сабаби хавф аз уламои исломӣ на он қадар баррасӣ мешуданд. Мутафаккир дар таълимоташ дар атрофи расидан ба камолоти инсонӣ ва наҷоти мардум сухан гуфта, ба интиқоди шадиди истибдод машғул шудааст. Ақидаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии Аҳмади Дониш дар заминаи арзишҳои фарҳангӣ ва адабии тоҷику-форс ташаккул ёфта, “сафарҳо, суҳбатҳо ва мулоқот бо. ашхоси дунёдида, тоҷирон, бо маърифатпарварони ватаниву хориҷӣ боиси пайдоиши андешаҳои тоза гардида, ӯро то ба пояи асосгузори фалсафаи иҷтимоии маорифпарварии тоҷик баланд бардоштаанд” (с. 99).

**Зербоби дуюм** “Масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар афкори Аҳмади Дониш” ном дошта, зимни он Аҳмади Дониш низоми истибдодиро маҳкум намуда, оқибат ба хулосае меояд, ки мавҷудияти ин гуна низоми ҷабру зулм ва худсарӣ ақибмондагии Бухороро аз байн намебарад. Аҳмади Дониш барои бартараф сохтани ин нуқсонҳо, аз ҷумла, риояи адл ва инкори зулм дар давлатдорӣ, маҳдуд кардани ҳуқуқҳои амир, мушаххассозии тартиботи вазорат, таъсиси Шурои давлатӣ ё маҷлиси машваратӣ (парламент), обёрии заминҳо, ривоҷ додани ҷараёни таълиму тадрис бо усули ҷадид, бунёди корхонаҳо ва ғайраро пешниҳод мекунад. Аз ин рӯ, “Аҳмади Дониш дар ақидаҳои худ оид ба масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро ба андешаҳои пешқадами миллӣ такя карда, аз дигар маорифпарварон бо баёни озоди андеша, воқеънигорӣ, инкори ҳар гуна таълимоти панисломистӣ ва амсоли он тафовут дорад” (с. 128-129).

**Зербоби сеюм** “Бартарии ақидаҳои Аҳмади Дониш аз таълимоти ҷадидия оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ” номгузорӣ шудааст. Дар зербоби мазкур диссертант таъкид месозад, ки таҳлили амиқи моҳияти ҷадидия нишон медиҳад, ки пайравони он аз зумраи ислоҳталабони динӣ дар ниқоби панисломизм будаанд, онҳо миллатро тавассути дин, яъне ҳамчун уммат ва ватандӯстиро дар барқарор намудани низоми теократии “хилофат” медонистанд. Аҳмади Дониш бошад, бо миллатдӯстӣ ва ватанпарварӣ, инчунин бо дунявияти тафаккур аз неҳзати ҷавонбухориён, ки нусхабардорӣ аз пантуркизм буд, тафовут дорад. Ҷадидия нисбат ба кишвари Русия кинаву адоват дошта, роҳи озод шудани Бухороро дар пайвастан ба хилофати усмонии туркӣ – душмани Русия медиданд. Аҳмади Дониш нисбат ба Русия муносибати муътадил дошт. Ҷадидия тибқи дастур ва дастгирии молиявии хоҷагони хориҷиаш фаъолият менамуд. Аммо Аҳмади Дониш дастпарварди мактабҳои таҳмилии хориҷ аз қаламрави аморати Бухоро набуда, бо решаҳои аслии миллии худ афкори ӯ оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ аз ақидаҳои ҷадидия бартарият доранд. Аз ин рӯ, “аз ҷониби баъзе муҳаққиқон дар баробари ҷадидия аз ислоҳотхоҳони динӣ шумурдани таълимоти маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш ягон асоси илмӣ надорад” (с. 161).

Довталаб дар хулосаи диссертатсия таҳқиқи мавзуъро бо 8 банд ҷамъбаст ва натиҷагирӣ намуда, бобати таҳқиқи минбаъдаи асарҳои маорифпарварона ва ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш ва ҳамсафони дигари ӯ ва истифодаи онҳо дар раванди таълиму тарбия тавсеаҳои судманд пешниҳод намудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии** диссертатсия дар он мебошад, ки он метавонад зимни таҳия намудани консепсия, стратегия ва барномаҳоиу давлатӣ истифода гардад. Ҳамзамон маводи диссертатсия ба ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш ва ҷадидия равшанӣ андохта, дар оянда дар таҳқиқи осори

ислоҳотхоҳонаи иҷтимоии дигар мутафаккирони асри XIX ва ибтидои асри XX метавонанд истифода шаванд. Маводи диссертатсияро метавон барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, маводи лексионӣ ва семинарӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва курсҳои махсус истифода кард.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шаш мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд. Вобаста ба мавзуъ се мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расидааст.

Теъдоди интишороти диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд. Дар мазмуни интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои довталаб инъикос ёфтаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Автореферат ва корҳои илмие, ки вобаста ба таҳқиқоти илмӣ нашр шудаанд, мазмуну моҳияти диссертатсияро ба таври зарури инъикос намудаанд ва ба талаботи тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 261 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Сатҳи таълиф, барасмиятдарории таҳқиқот, хусусиятҳои шакливу мундариҷавии он ба талаботи мавҷуда нисбат ба диссертасияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошанд. Дар матни диссертатсия ифодаи пайдарҳамии мантиқӣ риоя гардида, бо назардошти натиҷагириҳои ҷузъӣ дар зербобҳо, бобҳо ва дар маҷмуъ, дар диссертатсия хулосаҳои ниҳоӣ бароварда шудаанд.

Диссертант Раҳмонов С.Д. диссертатсияи худро бо истифода аз методҳои мухталифи илмию таҳқиқотӣ таҳия намуда, мустақилан аз уҳдаи мукаммалсозӣ ва анҷоми мантиқии он баромадааст. Вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда пурра иҷро гардида, мақсади он ба даст омадааст. Муаллиф ба навгониҳои назариявию илмӣ ва амалӣ комёб гардида, аз уҳдаи ҳалли масъалаҳои баррасишаванда баромадааст, ки аз маҳорати кофии касбии унвонҷӯ шаҳодат медиҳад.

Автореферат, ки мазмуни он аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамзамон, дар баробари дастовардҳои зикршуда дар матни диссертатсия баъзе норасоиҳоро низ мушоҳида намудан мумкин аст:

1. Дар диссертатсия зикр шудааст, ки то ба ҳол маҷмуаи ашъори Аҳмади Дониш ба аксари муҳаққиқон, нусхашиносон ва таҳиягарони осори ӯ маълум набуда, унвонҷӯ тавсифи мухтасари онро пешниҳод

намудааст. Аммо дар бораи кадом масъалаҳои фалсафию иҷтимоӣ дар ин ашъор сухан меравад, маълумоти кофӣ ба мушоҳида намерасад.

2. Довталаб дар бораи тафовутҳои ақидаҳои иҷтимоӣ ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш аз маорифпарварони дигари давронаш ботафсил таҳқиқу таҳлил гузаронида бошад ҳам, номи чунин маоифпарваронро дар аксарияти ҳолатҳо мушаххасанзикр накардааст.

3. Дар баъзе ҳолатҳо дар матни диссертатсия гузаришҳои мантиқӣ ва пайвандҳои забонӣ байни қисматҳои таҳқиқот тибқи талабот роҳандозӣ нашуда, дар он баъзе иштибоҳҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳмонов С.Д. таҳқиқоти аз назари илмӣ асоснок ва анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасоиҳои зикршуда ба мазмуни илмии он таъсир намерасонанд.

Ҳамин тариқ, Раҳмонов С.Д. дар таҳқиқоти худ аз уҳдаи вазифаҳои гузошташуда баромада тавонистааст ва диссертатсияи ӯ мантиқан ба охир расида буда, дорои навгониҳои илмӣ мебошад ва аз аҳамияти амалӣ ва назариявӣ холӣ нест. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои ироанамудаи муаллиф ба рушди илмҳои фалсафии ватанӣ мусоидат менамоянд.

Дар асоси ҳамаи ин, метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 барои додани дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои фалсафа,профессори
кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи М.С. Осимӣ Раҳимов М. Ҳ.

**Суроға:** 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
Хиёбони Айнӣ – 23/16, утоқи 22.
Тел: 918827393
E-mail: Rakhimov55@mail.ru

Имзои доктори илмҳои фалсафа,
профессор Раҳимов М. Ҳ. - ро тасдиқ менамоям
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Раҷабовҳо 10
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи М.С. Осимӣ
Тел: 992(37) 221-35-11;
E-mail: info@ttu.tj; WWW. @ttu.tj
"__13__" июни соли 2025